**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Исозода Парвиз Асаддулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳоии инсон ва шаҳрван дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 2023, таҳти №13/ҳя ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.**

Касби Истиқлоли давлатӣ ва қабули Конститутсия барои Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёдро, ки дар он

ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд, муҳайё намудааст. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд зинаи муайянкунандаи рушди давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи инсон чун олитарин арзиш дар ҷомеаи инсонӣ талаб менамояд, ки ҷамъияту давлат барои амалишавии он тадбирҳо андешанд ва ҳар фард имконияти амалӣ сохтани ҳуқуқу озодиҳои худро дошта бошад. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт пайваста тадбирҳои муассиреро роҳандозӣ менамояд. Муқаррароти моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодати он аст, ки ҳуқуқи инсон ба сифати арзиши олӣ эълон шуда, дар як вақт эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба сифати уҳдадории давлат муайян карда шудааст. Ин муқаррароти Конститутсия ҷавобгу ба муқарраротҳои санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Аммо ба ҳамагон равшан аст, ки озодии бесарҳад ба бенизомӣ поймол гаштани ҳуқуқу озодиҳо оварда мерасонад. Бинобар ин, яке аз ҷанбаи баҳсталаб, ин маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодҳои инсон, маҳсуб меёбад. Бо дарназардошти ин, муаллиф қайд менамояд, ки ҳалли масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, бахусус риоя ва маҳдуд кардани онҳо боиси амали гаштани ҳуқуқу озодиҳо мегардад ва ин андеша шоистаи дастгирӣ аст, зеро муқаррароти моддаи 14-и Конститутсия ҳам, маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба хотири ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои дигарон иҷозат додааст. Аз ин рӯ, масъалаи маҳдуд кардани ҳуқуқи инсон аз ҷониби бисёр ҳуқуқшиносон махсусан муҳим арзёбӣ шуда, асоси таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон арзёбӣ гаштааст.

Амалияи қонунгузории миллӣ нишон медиҳад, ки дар танзими масъалаҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодҳои инсон ва шаҳрванд душвориҳои зиёд ба миён меоянд. Дар бештар маврид онҳо вақте эҳсос мегарданд, ки корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста ба вазъият кӯшиши татбиқ намудани санади меъёрии ҳуқуқиро дорад, ки маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо бо асосҳои кофӣ асоснок карда шудаанд.

Чунин вазъият ба шарте ба амал меояд, агар дар қонунгузории миллие, ки ба маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо дахл дорад, муқаррарот оид ба ҳуқуқӣ будани ҳамаи маҳдудиятҳои дар қонун мавҷудбуда, возеҳ ифода ва мустаҳкам карда шавад. Ҳамаи ин таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро бо дарназардошти дастовардҳои ҳуқуқии муосир дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро тақозо мекунад. Чунин равиш ба ҳалли мушкилоти ба миён гузоштаи муаллиф ба талаботи ҷомеае, ки мехоҳад дар қонунгузории миллӣ на танҳо ҳимояи ҳуқуқи ҳар як шахс, балки имкони ин ҳуқуқҳоро дар ҳолатҳои фавқулода низ бубинад, қонеъ хоҳад кард.

Аз ин рӯ, таҳқиқ намудани **ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳоии инсон ва шаҳрван дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** мубрамияти ҳосса пайдо намудааст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур саривақтӣ будани худро инъикос менамояд.

Диссертатсияи Исозода П.А. аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб (параграф), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назарӣ оид ба маҳфум ва моҳияти маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд»** ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввали ин боб – **«Мафҳум, моҳият ва аҳаммияти маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд»** ном дошта, дар он

муҳаққиқ воқеияти ҷаҳони муосир зарурати такмили минбаъдаи низоми ҳуқуқи инсонро ҳам дар сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ таҳлил намуда, мафҳуму моҳияти маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро мавриди омӯзиши илмӣ қарор додааст. Дар ин зербоб имконияти қонунан маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо ҳам дар давлатҳои алоҳида ва ҳам дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар зербоби мазкур доир ба мафҳуми моҳияти маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ишора шуда, аз нигоҳи илмӣ баҳогузорӣ гардидааст, ки дар интиҳо хулосаҳои илмии диссертант манзур гардидаанд. Зербоби дуюми боби аввал – **«Принсипҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд»** номгузори гардидааст, ки дар он муаллиф принсипҳои умумиэътирофшудаи асосҳои маҳдуд кунированд, ки давлатҳои муосири ҷаҳон дар Қонуни асосии худ нишон доданд, мавриди шарҳу тавзеҳ қарор додааст. Таҳқиқбаранда иброз менамояд, ки дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ ба омӯзиши масъалаи марбут ба принсипҳо аҳамияти махсус дода мешавад, зеро, ба масъалаи мазкур назари ягона ҷой надорад. Принсипҳои конститутсионӣ низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи конститутсиониро дар як манбаъ муттаҳид намуда, самти асосии танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқии ҷомеа ва давлатро муайян менамоянд. Муаллиф бо дарназардошти андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ мафҳуму моҳияти пиринсипҳои маҳдудкунии ҳукуқу озодиҳои инсон ва шарҳрвандро мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки принсипҳои маҳдудкунии ҳуқуқи инсон, ин принсипҳои адолат, мутаносибӣ, баробарӣ, мақсаднокӣ ва танзими ҳуқуқии маҳдудият баромад менаоянд. Зербоби сеюми боби аввал – **«Мафҳум ва низоми василаи ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, дар он муаллиф маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро яке аз унсурҳои муҳимми механизми амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзёбӣ, менамояд. Ҳамзамон, иброз менаояд, ки рафтори иҷозатдодаи

қонунии шахс бо роҳи муқаррар намудани ҳудуд ва сарҳади он дар вазъияти муътадил ё амалисозии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар давраи махсус ё вазъияти фавкулода бо тартиби мукаррарнамудани меъёрҳои хуқуқи конститутсионӣ муваққатан маҳдуд карда мешавад.

**Боби дуюми** таҳқиқоти диссертатсионӣ **«Низоми ҳуқуқии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби якум – **«Танзими ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ ва сиёсӣ дар ҳолати муқаррарӣ»** номгузори гардидааст. Дар ин зербоб амалисозии ҳуқуқҳои субъективӣ аз ҷониби шахс мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф иброз менаояд, ки ба хотири ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии давлату шахсони дигар, зарурати маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ба миён меояд. Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ду ҳолат имконият дорад: Якум, дар ҳолати муқаррарӣ; дуюм, дар ҳолати вазъияти фавқулода. Ҳамзамон, андеша дорад, ки мақсад ва ҳудуди маҳдуднамоӣ дар ин ду ҳолат дорои хусусиятҳои ба ҳам шабеҳанд, аммо дар маҷмӯъ онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, таҳлили ҳуқуқӣ ва татбиқи маҳдудкунии ҳуқуқи инсон дар ин ду ҳолат, аҳамияти назариявӣ ва амалиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доро мебошад. Зербоби дуюм – **«Танзими ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ҳолати вазъияти муқаррарӣ»** ном дошта, муаллиф масъалаи маҳдуд кардани гурӯҳи дуюми ҳуқуқу озодиҳои инсонро, ки ба онҳо ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ шомил мешавад, мавриди таҳқиқ қарор додааст. Рисоланавис ин гурӯҳи ҳуқуқҳоро таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994) дар муқоиса бо санадҳои конститутсионии замони шуравӣ дар мустаҳкам намудани ин гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳо идеологияи куллан дигарро ба роҳбари гирфтааст, ки ин ҳуқуқҳоро кафолати зарури дода тавонад. Ҳамзамон, таъкид менамояд, ки махсусияти ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар он зоҳир меёбад,

ки ин ҳуқуқҳо имкониятҳои маҳдуди ҳифзи судӣ доранд. Суд имконияти таъмин намудани зиндагии шоистаро ба шахс надорад, вай наметавонад шахси бекорро бо ҷойи кор ва шахси беманзилро бо манзил таъмин намояд. Зербоби сеюми боби дуюм **«Мафҳум, асосҳо ва ҳудуди маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар вазъияти фавқулода»** ном дошта, дар он маҳдуд кардани ҳуқуқи инсонро дар вазъияти фавқулода таҳлил намудааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки масъалаи маҳдудкунии ҳуқуқи инсон дар вазъияти фавқулода айни замон мубрамияти бештарро соҳиб мебошад, ки бо равандҳои гуногуни низоъҳои иҷтимоӣ, садамаҳои техногенӣ ва дигар офатҳо, алоқаманд мебошад.

Иброз менаояд, ки мафҳуми «вазъияти фавқулода» ба илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории давлатҳои алоҳида ва санадҳои байналхалқӣ мавҷуд асту таърихи тулони дорад ва дар ин муддат мазмуну мундариҷаи он ба дигаргуниҳои куллӣ дучор гардидааст. Ин бо он вобаста аст, ки дар даврaҳои гуногуни таърихӣ таҳдидҳои мухталифе буданд, ки ҳадафҳо ва мундариҷаи ҳолатҳои фавқулодаро муайян мекарданд. Ва дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми ягонаи «вазъияти фавқулода» вуҷуд надорад.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назарӣ ва амалии ҳуқуқ ба саломатӣ муаллиф як қатор **хулосаҳои илмӣ** ва **тавсияҳои амалиро** манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузоштaшуда бар меоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Исозода П.А. дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсуб меёбад, ки дар он паҳлуҳои назарӣ ва амалии асосҳои маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Баъдан рисоланавис масъалаи маҳдуд кардани ҳуқуқи инсонро дар ин шароит таҳлил намудааст. Аз ҷумла, ӯ махсусан таъкид менамояд, ки ҳама гуна ҳолати фавқулода барои маҳдудкунии ихтиёрии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон

шароит фароҳам меорад. Аз ин рӯ, конститутсияҳо ва қонунҳо бояд дар ин ҳолатҳо маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодиҳоро ба таври қатъӣ танзим намоянд. Мувозинате, ки дар ҳолати муқаррарии тартиботи ҳуқуқии конститутсионӣ байни ваколатҳои ҳокимияти давлатӣ ва шахси озод ҷой дорад, ҳангоми ҷорӣ намудани вазъияти фавқулода ин мувозинат аз байн рафта, ба манфиати давлат хизмат менамояд, зеро дар чунин шароит давлат қобилияти назорат кардани рафтори одамонро пайдо намуда, барои амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои асосӣ маҳдудият ҷорӣ месозад.

Ҳамин тариқ, муаллиф изҳор менамояд, ки Конститутсияи Тоҷикистон на танҳо номгӯи маҳдудиятҳоро дар бар мегирад, балки шарту принсипҳои татбиқи онҳоро низ муқаррар кардааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон, қонунгузории давлатҳои алоҳида ва қонунгузории миллӣ, инчунин аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асосҳои назариявию амалии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ифода менамоянд. Яъне, таҳқиқбаранда бо дарназардошти омӯзиши масъалаҳои назарӣ ва амалӣ маҳдудкардани ҳуқуқи инсонро дар нуктаҳои илмии худ ишора намудааст, ки онҳо вазифа ва ҳадафҳои гузошташударо дар рисолаи илмӣ таҷассум менамоянд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллифи рисолаи илмиро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан имконпазир мебошад:

– навгонии таърихӣ-ҳуқуқӣ, яъне дар рисола давраҳои ташаккул ва инкишофи ҳуқуқ ба саломатӣ дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ба таври амиқ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, махсусияти ҳар яке аз давраҳо нишон дода шудаанд;

– навгонии назарӣ-ҳуқуқӣ, ки дар заминаи он муаллиф мафҳуми ҳуқуқ ба саломатӣ, мафҳуми механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба саломатиро манзур намуда, истифодаи истилоҳи «ҳуқуқ ба саломатӣ»-ро дар адабиёти ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ба мақсад мувофиқ медонад. Инчунин, рисоланавис ҷанбаҳои назарии таъсири равандҳои ҷаҳонишавиро ба ҳуқуқи инсон, махсусан ҳуқуқ ба саломатӣ баён намуда, иброз менамояд то муҳаққиқони ватанӣ дар ин самт ташаббусҳои илмиро рӯйи даст гиранд. Аз нигоҳи унвонҷӯ меъёрҳои санадҳои байналмилалии фарогир (универсалӣ) дар самти ҳуқуқ ба саломатӣ ниёз ба таҷдидро пайдо намудаанд, ки муаллиф дар ин самт нигоҳи илмии худро манзур кардааст;

– навгонии амалӣ-ҳуқуқӣ, ки дар заминаи он диссертант як зумра тавсияҳои илман асосноки худро баҳри таҷдиди қонунгузории соҳа ва механизми ҳимояи ҳуқуқ ба саломатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Бояд қайд намуд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни асосҳои ҳуқуқии маҳдуд намудани ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар ин самт, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои нави ҳимояи ҳуқуқ инсон, ва ҳаматарафа пажӯҳишҳои назариявӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, роҳҳои таҷдиди маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асос меёбанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Рисолаи диссертатсионии Исозода П.А аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро, таҳқиқоти мазкур фаҳмиши илмиро оид ба асосҳои маҳдудкнии ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар таҳкими минбаъдаи маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, ташаккули назарияи муосири ҳуқуқи инсон ва талаботи ташкили механизми самарабахши татбиқу таъмини онҳо дар Тоҷикистон пешбинӣ мешавад. Як зумра муқаррарот, ки дар рисола ба таври бевосита ва (ё) бавосита оварда шудаанд, барои ташаккули донишҳои умуминазариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионӣ дар соҳаи вазъи ҳуқуқии шахс хизмат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили низоми ҳуқуқии миллӣ дар алоқамандӣ бо дастовардҳои кишварҳои хориҷӣ, таҳкими арзишҳои демократӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон истифода шаванд. Бояд ёдовар шуд, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории дар самти маҳдуд намудаи ҳуқуқи инсон ҳамчун чораи кафолати амалигаштани ҳуқуқҳои дигарон, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон саҳмгузор бошанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он рисоланавис 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар нашрияҳо натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва мақолаҳои

илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи диссертансиониро инъикос менамоянд.

**Мулоҳизаҳо оид ба таҳқиқот.**

Дар диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Муаллиф дар пешниҳоди якуми худ мафҳуми маҳдудкуниро чунин шарҳ додааст «ин шартҳои кам намудани миқдори рафторҳои аз лиҳози ҳуқуқӣ ҷоиз, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ пешбинӣ гардидаанд, бо роҳи муқаррар намудани ҳудуд ва сарҳадоти мухталиф (дар шароити осоишта) ё ин ки муваққатан боз доштани имконияти амалисозии ҳуқуқҳои инсон дар шароити реҷаҳои махсус мебошад», ки дар ин ҷо шарти асосии маҳдуд кардани ҳуқуқро ба муқаррароти Конститутсия ва ҳолатҳои вазъияти фавқулода вобаста намудааст. Ҳоло он ки муайян кардани сарҳади озодӣ асоси таъмини ҳуқуқи дигарон мебошад. Бинобар ин аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки ин мафҳумро, ки бо ду омил маҳдуд кардааст ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро нишон додааст, шарҳ медод.

2. Дар саҳифаи 168 диссертатсия қайд намудаед, ки дар давраи ҳокимияти Шуравӣ меъёр дар хусуси вазъияти фавқулода мавҷуд набуд. Ҳангоме, ки меъёр мавҷуд набошад вазъияти фавқулода чи гуна эълон ва танзим карда мешуд?

Аммо, эродҳо ва норасоиҳои мазкур ба илмияти диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Зеро, он мақсаду вазифаҳое, ки муаллиф дар доираи объект ва предмети таҳқиқот дар назди худ гузоштааст, пурра иҷро гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Исозода П.А. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Исозода Парвиз Асадулло ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
сардори шуъбаи Раёсати мубориза
бар зидди ҷиноятҳои муташаккили
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети №2 Академияи ВКД ҶТ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Юсуфзода А.Ҳ.

Имзои А.Ҳ. Юсуфзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори ГК ва КҲШ РМЗҶМ
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Назризода В.Ҷ.

«14» 04 2023 с.

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академик Раҷабовҳо, 19. Тел.: +992 (37) 227-95-68;
E-mail: akmal-h@yandex.ru